# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи номзадии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул- луғот" бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ » барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ).-Хуҷанд: ДДХ, 2022.-161 с.**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА – 037-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар ҳайати раис Шокиров Т.С. – доктори илми филология, аъзо Азимова М.Н. – доктори илми филология, дотсент, Расулов С.М. – доктори илми филология, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи номзадии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул- луғот" бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ(10.02.20- Забошиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи забони тоҷикии факултаи филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шуда, аз муҳокимаи кафедра ва Шурои олимони он гузаштааст.

Рисолаи номзадии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович ба таҳлили муфассалу муқоисавии унсурҳои луғавии Мовароуннаҳри таърихӣ бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии забони муосири тоҷикӣ дар мисоли маводи "Ғиёс- ул- луғот" оид буда, фарогири яке аз муҳимтарин масоили забоншиносии муқоисавист.

Дар рисола асосан усули муқоисавӣ-таърихӣ ва тафсири лингвистӣ ба кор рафта, дар мавридҳои зарурӣ таҳқиқи қиёсӣ, оморӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Ҳадафи асосии пажуҳиши рисола** собит намудани робитаи унсурҳои луғавию маъноии мовароуннаҳрии асари мавриди назар бо лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Пойдормонии вожаву таркиб ва ибораҳои маъмулу рехтаи "Ғиёс-ул-луғот" дар шеваҳои муосири тоҷикӣ водор намудааст, ки усулҳои маҳфузияти онҳо ба таври комил аз назари таҳлил гузаронида шаванд.

Бо мисоли зиёд умумияту фарқи таркиби луғавии давраҳои мавриди омӯзиш ба таври қиёс нишон дода шудааст. Дар мисоли маводи "Ғиёс-ул-луғот" нишон додани манзараи воқеии забони тоҷикии асрҳои XIX, XX ва ибтидои садаи XXI низ аз мақсадҳои асосии пажӯҳиш мебошад.

Диссертатсияи Раҳимов Абудлқосим Ибрагимович аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 10 фасл, 4 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи осори таҳқиқӣ, феҳрасти мақолаҳои нашркардаи муаллиф оид ба мавзуъ иборат буда, дар ҳаҷми 161 саҳифа таҳия гардидааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзуъ асоснок ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, асосҳои назариявӣ, пойгоҳ ва навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсия ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Нахустбоби рисола-**“Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ»-** фарогири се фаслу ду зерфасл буда, дар онҳо масоиле чун Муҳаммад Ғиёсуддин ва мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», корбурди вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсури эзоҳёбанда, шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» баррасӣ шудаанд.

Дар фасли аввали ин боб –**«Муҳаммад Ғиёсуддин ва мансубияти маҳаллии вожаҳо»**-андешаҳои Ромпурӣ дар мавриди маҳз ба кадом минтақаи Мовароуннахр, Хуросону Эрон ва ғ. тааллуқ доштани чунин воҳидҳои луғавӣ баррасӣ гардида, вижагиҳои ҳар кадоме возеҳу равшан нишон дода шудааст.

Дар ду зерфасли фасли дувуми боби аввал оид ба мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» маълумот додааст. Дар ин луғатнома чандин унсури луғавие дучор меоянд, ки онҳо баробари ҳамчун вожаи эзоҳёбанда ба кор рафтанашон, боз дар забони муаллиф низ истифода гардидаанд. Агар мо ба назар гирем, ки муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар шибҳи қораи Ҳинд зиндагиву фаъолият кардааст, - менависад, муаллифи рисола,- маълум мешавад, ки ҳиссае аз калимаҳои ба истилоҳ мовароуннаҳрӣ аллакай аз минтақаи аслии истифодаашон берун баромада, то Ҳиндустон паҳн гардидаанд ва ба ҳукми калимаҳои умумиистеъмол дохил шудаанд.

Фасли сеюми боби якумро унвончӯ ба таҳқиқи шарҳи воҳидҳои фразеологӣ дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ бахшидааст, зеро дар ин асар бо воҳидҳои фразеологие дучор омадан мумкин аст, ки онҳо сарвати бебаҳои забони тоҷикӣ ҳисоб ёфта, дар забони мардуми ҳама минтақаҳо ба кор мераванд ва бархе хоси лаҳҷаи алоҳида маҳфузанд, гурӯҳи сеюм ба тағйироти шакливу гунагӣ дучор гардидаанд.

Дар луғатномаи мазкур воҳидҳои фразеологиии мунҳасир низ кам нестанд, ки ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ ё ба назар намерасанд ё хеле камистеъмол буда, танҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳамчун унсурҳои рехтаи сермаъно вежагии нав касб кардаанд.

**Боби II. "Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ"** унвонгузорӣ шуда, се фаслро фаро гирифтааст. Дар фасли аввал вожаҳои эрониасл, дар фасли дуюм калимаҳои маъноҳои қадими онҳо, дар фасли сеюм вожаҳои шаклан тағйирёфтаи вожаҳои эрониасли луғатномаи мавриди пажӯҳиш ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Муаллиф бар он аст, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ гурӯҳи калони калимаҳои қадими эрониасле ба назар мерасанд, ки ҳоло ҳам бо ҳамон шакли пешина, ё бо дигаргуниҳои ҷузъии шакливу маъноӣ дучор меоянд. Чунин воҳидҳои луғавӣ дар забони мардуми маҳалҳои тоҷикнишин асолати пешинаи худро ҳифз намудаанд, вале берун аз доираи забони адабии тоҷикӣ мондаанд.

Воҳидҳои луғавие низ дида шуданд, ки гоҳо дар нутқи намояндагони манотиқи алоҳидаи Эрони ҳозира дар истифодаанд.

Як гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ агар дар яке аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба шакли ба асл наздикашон мустаъмал бошанд, дар лаҳҷаҳои дигар бо гунаҳои арабишуда ё туркигашта маъмуланд, ки унвонӯ онҳоро ба таҳқиқ гирифтааст.

Дар баъзе лаҳҷаҳои тоҷикӣ маҳфуз мондани маъноҳои алоҳидаи ҳиссае аз феълҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» дучороянда низ ба мушоҳида мерасад. Агар чанде аз онҳо дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дучор оянд, пас ҳиссаи дигарашон дар як ё якчанд лаҳҷа истифода мегарданд. Чунин ҳолатро муаллиф дар алоқаи наздики лексикаи луғатномаи мазкур бо лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ мебинад.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои эрониасл дар шакли гуногун боқӣ монда, ҳар кадоме бо хусусиятҳои истифодаашон аз якдигар фарқ мекунанд: баъзеи онҳо ҳам дар «Ғиёс-ул-луғот», ҳам дар чунин лаҳҷаҳо дар алоҳидагӣ маҳфуз мондаанд, қисми дигарашон асосан дар таркиби калимаҳои сохтаву мураккаб ҳамчун ҷузъи чунин вожаҳо ба назар мерасанд ва онҳо дар фасли 2.3. баррасӣ гаштаанд.

Аз муқоисаи калимаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҳозираи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ пажуҳишгар ба хулосае омадааст, ки як ҳиссаи онҳо дар луғатномаи мазкур танҳо дар як мувозӣ истифода шуда, ҳоло дар забони мардуми минтақаҳои ҷанубиву шимолӣ дар чанд гуна маълуманд. Чунин хусусиятро ӯ бештар хоси лаҳҷаҳои ҷанубӣ медонад.

Гоҳо ҳолатҳои баръакс низ ба назар мерасад, яъне аз якчанд гунаи унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» зикршуда имрӯз дар лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикӣ фақат яке аз он мувозиҳо боқӣ мондааст.

Ҳамчунин бо вуҷуди дар давраи ҳозира аз нигоҳи шакл ба таҳаввулот дучор шудани бархе калимаҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» дарҷшуда маънои кӯҳани онҳо то ҳол побарҷо мондаанд.

**Боби III. "Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ"** унвон дошта, аз 4 фаслу 2 зерфасл иборат аст ва бо дебочаи муфассале оғоз мегардад.

Дар фасли 3.1. соҳиби рисола вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари эронии «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ" ба муқоиса гирифтааст.

Дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он унсурҳои луғавие боқӣ монданд, ки дар онҳо нишонаҳои овозии ба забонҳои дигари эронӣ хос ба назар мерасанд ва теъдоди зиёди онҳо аз забони арабӣ, силсилаи дувум аз забонҳои дигари эронӣ, амсоли портиву суғдӣ ё лаҳҷаҳои Хуросону Мовароуннаҳр ё мавзеъҳои дигар ворид гардиданд. Дар ин фасл андешаи олимон роҷеъ ба масъалаи мазкур баррасӣ шудааст.

Фасли **3.2.** ба муқоисаи вожаҳои иқтибосии ҳиндии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ оид аст. Дар таърихи забонҳои ориёӣ забонҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ нисбат ба дигар шохаҳои он бо ҳам робитаи қавитар дошта, баробари он ки дорои ҳамвожаҳои (изоглосс) зиёде буданашон, боз дар масири вуҷудашон аз ҳамдигар калимаву ибораҳои заруриро иқтибос кардаанд.

Дар фасли **3.3.** вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ таҳлили муқоисавӣ карда, ба чунин хулоса мерасад, ки як ҳиссаи онҳо имрӯз дар байни соҳибони лаҳҷаҳо бе тағйири шаклу маъно боқӣ мондаанд. Чунин унсурҳои луғавӣ аз ҷиҳати мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ягона нестанд. Калимаҳои арабиасл низ монанди вожаҳои эрониасл дар муддати тӯлонии истифодаашон бештар ба дигаргунии шаклӣ дучор шуда, дар лаҳҷаҳои шимолӣ ба як гунаи мушаххас, аммо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар якчанд шакл ба кор рафтаанд.

Дар қатори иқтибосҳое, ки аз арабӣ ба тоҷикӣ бевосита таҳвил ёфтаанд, боз онҳое низ мушоҳида мешаванд, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар як вақт ҳам бевосита, ҳам бавосита ворид шудаанд ва ин масъала дар зерфаслҳои 3.3. 1. **"Таҳаввулоти маънои вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ"** ва 3.3.2. **"Таҳаввулоти шаклу маънои вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ"** баррасӣ гардидааст.

Аз қайдҳои алоҳидаи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» маълум мегардад, ки калимаҳои забонҳои бегона баъди ба забони дигар дохил шуданашон, чанд муддат ба ҳамон маънои дар забони асл доштаашон ба кор рафта, бо мурури замон метавонанд тағйири маъно кунанд. Ин гуна дигаргунии маъноиро аз сар

гузаронидани воҳидҳои луғавии иқтибосӣ, аз ҷумла арабӣ аз назари луғатнигорони тоҷик пинҳон намондааст.

Баъзе унсурҳои луғавӣ имрӯз ба маъноҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» зикргардида ба кор нарафта, маъно дигар кардаанд.

Дар зерфасли 3.3.2. таҳаввули шаклу маънои вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои мавриди муқоиса таҳлил шудааст.

Унвонҷӯ қайд кардааст, ки калимаҳои алоҳидаи иқтибосӣ дар муддати истифодаашон дар забон метавонанд на фақат як зинаи дигаргунӣ, балки ду зинаи таҳаввулотро паси сар кунанд, яъне ҳам ба тағйироти маъноӣ ва ҳам ба тағйироти шаклӣ дучор гардиданд. Муаллиф калимаҳои ашиқа ва туркро чун мисол тақиқ кардааст.

Вожаҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ дар фасли 3.4. муқоиса карда шудааст.

Муҳаққиқ маълум кардааст, ки дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ баробари калимаҳои туркии дар айни ҳол дар забони адабии тоҷикӣ истифодашаванда боз онҳое низ шарҳу эзоҳ ёфтаанд, ки ҳоло аз доираи забони адабӣ берун шудаанд, аммо чунин вожаҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ то имрӯз ба кор меравоанд. Тафовути истифодаашон дар ин лаҳҷаҳо танҳо ҳамин буда метавонад, ки онҳо дар қисме аз минтақаҳо ба як маънои мушаххас, дар ҳиссаи дигарашон ба якчанд маъно мавриди истифода қарор доранд.

Як гурӯҳи калимаҳое, ки муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» эзоҳ додааст, дар гузашта дар якчанд гуна ба кор рафта, баробари ин баъзеи онҳо хусусияти сермаъноӣ низ зоҳир намудаанд.

Дар «Хулоса»-и диссертатсия муаллиф натиҷаҳои таҳқиқро ҷамъбаст карда, навиштааст, ки «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ дар байни фарҳангномаҳои пешазинқилобӣ вазифаи луғатномаи ҷамъбасткунандаеро ичро намуда, тамоми захираи луғавии то он замон гирдомадаро дар худ фаро гирифтааст. Чунин калимаву ибораҳо аз ҷиҳати мансубияташон ба забону лаҳҷаҳо ягона набуда, қисме аслианд, ҷузъе хоси забонҳои дигари эронӣ (портӣ, суғдӣ), ҳиссаи дигар мансуб ба забонҳои ғайриэронӣ (ҳиндӣ, арабӣ, юнонӣ, туркӣ), чорумӣ мутааллиқ ба лаҳҷаҳои дар Хуросону Мовароуннаҳр мавҷуда мебошанд.

Тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо аз чаҳор банди зерин иборат аст:

1.Асосҳои назариявӣ ва бардоштҳои аз таҳлили робитаи силсилае аз унсурҳои луғавии «Ғиёс-ул-луғот» ва маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ бадастомада метавонад барои куллан дигар шудани назари мардум ба маводи лаҳҷавӣ мусоидат карда асосе шавад, ки ба лафзи мардуми минтақаҳои мухталифи тоҷикнишин на ҳамчун унсурҳои тасодуфан пайдошуда,

балки ба сифати сарчашмаи муҳимми маводи таърихи забон муносибат карда шавад.

2.Натиҷаҳои аз таҳлили ин масъала дастрасгардидаро метавон дар ҷараёни таҳияи маводи таълимӣ-методӣ, дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии лаҳҷашиносии таърихӣ дар мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор дод.

3.Маводи дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ пойдормондаи «Ғиёс-ул-луғот» метавонад дар оянда барои мураттаб шудани луғатномаҳои решашиноси (этимологӣ)-и вожаҳои лаҳҷавӣ хидмат намояд.

4.Таҳлили қиёсии унсурҳои қадим бо гунаҳои муосири дар лафзи мардуми ҷанубу шимоли Тоҷикистон маҳфузмондаро метавон ҳангоми таълими фанни интихобии лаҳҷашиносии муқоисавӣ-таърихӣ дар макотиби олӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Дар баробари комёбиҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар расиданд. Чунончи, дар зерфасли 3.3.2. фақат ду калима (ашиқа, турк) таҳлил шудааст ва ин бандро бо зерфасли дигар муттаҳид кардан мумкин буд. Хуб мешуд, хулосаи фаслу бобҳоро муфассалтару мушаххастар намуда, аз ин ҳисоб хулосаи рисола ихтисор карда шавад.

Эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, онҳоро метавон ба зудӣ ислоҳ кард.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба шиносномаи ихтисоси шурои дифои барои ҳимоя пешниҳодшуда мувофиқ буда, ба соҳаи афзалиятноки илм ва таълим – амалисозии барномаҳои давлатии дурнамои рушди забони тоҷикӣ ва такмили таълими он нигаронида шудааст, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мукаммал дар 11 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои дар қайди КОА буда) интишор ёфтааст, ҳамчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавию донишгоҳӣ мавриди бозсанҷӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи мазкури Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул- луғот" бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ(10.02.20- Забошиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) кори баанҷорасида ва мукаммал мебошад ва онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

1. Комиссияи ташхис забоншиносони зеринро, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ(10.02.20-Забошиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муқарризи расмии аввал** – Ҳомидов Дилмурод Раҷабович, доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муқаррizи расмии дуюм** – Файзиева Сарварҷон Аҳмадовна, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикситон дар шаҳри Хуҷанд.

**Муассисаи пешбар** – МДТ "Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода"

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат ба ҳукми дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ,**
доктори илми филология: Шокиров Т.С.

**Аъзои комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ,**
доктори илми филология, дотсент: Азимова М.Н.
Доктори илми филология, дотсент: Расулов С.М.
**13.12.2022**